**СУРАТЧАЛАСАИ № 1**

**Маҷлиси умуми бо мақсади таъсис додани Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар назди Шабакахои баркии нохияи Б.Гафуров**

нохияи Б.Гафуров 20.01.2015 сол

**Хузур доштанд:** 15 нафар, аз чумла Раиси Шабакахои баркии нохияи Б.Гафуров, муовини Раиси Шабакахои баркии нохияи Б.Гафуров, мухандисони Шабакахои баркии нохияи Б.Гафуров ва муовинони Раиси чамоатхои нохияи Б.Гафуров.

**Интихоб намуданд:** Раиси маҷлис: Юнусов И.

Котиби маҷлис: Шокиров А.

**Тартиби овоздиҳӣ:** кушод

**Рӯзнома:**

1. Тасдиқи рӯзнома
2. Оиди таъсиси додани Шӯрохои машваратии ҷамъиятӣ дар назди Шабакахои баркии нохияи Б.Гафуров «Минтакаи 1» ва «Минтакаи 2» (минбаъд Шуро).
3. Оиди муассисони Шурохо.
4. Муҳокимаи лоиҳаи Низомномаи Шурохо.
5. Интихоби аъзоёни доимоамалкунандаи Шурохо – интихоби Раисхо, муовинони раис ва котибони Шуро

**1. Раиси мачлис хузурдоштагонро бо рузномаи пешниходшудаи мачлис шинос намуд. Сипас Юнусов И. барои овоздихи ба маъруза пешниход намуд. Рузномаи мачлис бо як овоз кабул шуд. Баъдан масъалахо аз руи рузномаи тасдикшуда дида баромада шуд.**

**2. Баромад намуданд: Раиси мачлис оиди зарурияти ташкил намудани Шурохои машваратии чамъияти дар назди Шабакахои баркии нохияи Б.Гафуров «Минтакаи 1» ва «Минтакаи 2» бахри баланд бардоштани иштироки чамъият дар фаъолияти хаёти ва кори Шабакахои баркии нохияи Б.Гафуров оиди максад ва сохтори пешкашшуда баромад намуданд. Окилов А. ва Зоидов А. дастгирии ташаббуси мазкур баромад намуданд. Халимов А. пешниход намуданд, ки масъаларо ба овоздихи гузоранд.**

**Овоз доданд:** «тарафдор» – 15 нафар

«зид» – нест

«бетараф» – нест

**Қарор карданд:**

Бахри баланд бардоштани иштироки чамъият дар фаъолияти хаёти ва кори Шабакахои баркии нохияи Б.Гафуров ва боварии ахоли нисбат ба ин ташкилот, инчунин дар асоси супориши хаттии Раиси ШСХК «Барки Точик» тахти №86 аз 01.10.2014 сол дар назди Шабакахои баркии нохияи Б.Гафуров Шӯрохои машваратии ҷамъиятӣ «Минтакаи 1» ва «Минтакаи 2» ташкил карда шавад. Хадаф аз ташкил кардани 2 Шуро «Минтакаи 1» ва «Минтакаи 2» дар он

мебошад, ки бинобар худуди нохияи Б.Гафуров калон буда, бо максади самараноктар ба рох мондани фаъолияти Шуро он дар ду минтака ба алохидаги таъсис дода мешавад.

3. Баромад намуд: **Юнусов И.** бо таклифи тасдиқ намудани шаҳрвандони дар маҷлиси умумӣ иштирок намуда истода ба ҳайси муассисон. Шахсоне, ки «тарафдор» овоз доданд, аъзои ширкат шуданро изҳор намуданд.

**Овоз доданд:** «тарафдор» – 15 нафар.
«зид» – нест
«бетараф» – нест

**Карор карданд:**
**Муайян кардани муассисони Шурохои машваратии чамъияти дар назди Шабакахои баркии нохияи Б.Гафуров «Минтакаи 1» ва «Минтакаи 2» .**

4. Баромад намуданд: Юнусов И. ва Халимов А. бо пешниҳоди муҳокимаи лоиҳаи Низомномахои Шуро. Зоидов А. ва Окилов А. масъалаи ба овоздиҳӣ гузоштани тасдиқи Низомномаи Шуро пешниҳод намуданд.

**Овоз доданд:** «тарафдор» – 15 нафар.
«зид» – нест
«бетараф» – нест

5. Марачабов И. оиди салоҳияти Шуро ва инчунин бо пешниҳоди номзадии Юнусов И. ба вазифаи раиси Шуро дар «Минтакаи 1» ва Халимов А. ба вазифаи Раиси Шуро дар «Минтакаи 2»-ро баромад намуданд. Юнусов И. ва Халимов А. бо пешниҳоди руйхати умумии аъзоёни Шуро баромад намуданд. Масъала вобаста ба номзадҳо барои аъзогӣ ба Шуро ба овоздиҳӣ гузошта шудан пешниҳод шуд.

**Овоз доданд:** «тарафдор» – 15 нафар.
«зид» – нест
«бетараф» – нест

**Қарор карданд:**

Тасдик намудани аъзоёни зерини мақомоти идоракунии доимоамалкунандаи Шуро дар «Минтакаи 1»:

1.Юнусов И.-ба вазифаи Раиси Шуро;
2.Зоидов А.-ба вазифаи муовини Раиси Шуро;
3.Олимов О.-ба вазифаи котиби Раиси Шуро;
4.Кодиров О.-аъзои Шуро;
5.Марачабов И.- аъзои Шуро;
6.Исмоилов С.- аъзои Шуро;
7.Одинаев А. аъзои Шуро ;

Тасдик намудани аъзоёни зерини мақомоти идоракунии доимоамалкунандаи Шуро дар «Минтакаи 2»:

1.Халимов А..-ба вазифаи Раиси Шуро;
2.Окилов А.-ба вазифаи муовини Раиси Шуро;
3.Абдукодиров А.-ба вазифаи котиби Раиси Шуро;
4.Мухиддинов М.-аъзои Шуро;
5.Абдучалилов А.- аъзои Шуро;
6.Каримов М.- аъзои Шуро;

8.Казаков Г.-аъзои Шуро ;

Дар анҷоми овоздиҳии кушод қарор карданд:

Аз лахзаи кабул гардидани карори Рохбари Шабакахои баркии нохияи Б.Гафуров оид ба таъсиси додани Шурохои машваратии чамъияти дар назди Шабакахои баркии нохияи Б.Гафуров «Минтакаи 1» ва «Минтакаи 2» он таъсисёфта эътироф шавад.

**Раиси маҷлис:** **Юнусов И.**

**Котиби маҷлис:** **Шокиров А.**

# Шабакаҳои барқии ноҳияи Б.Гафуров

## КАРОР

**«20» январи соли 2015 № 1**

**Дар бораи таъсис додани Шӯрохои машваратии ҷамъиятӣ дар назди Шабакахои баркии нохияи Б.Гафуров**

Баҳри мустаҳкам гардонидани боварии аҳолӣ, шаҳрвандон, намояндагони ҷамъият ва тарафҳои манфиатдор бояд дар ҷараёни қабули қарорҳои таъминкунандаи қувваи барқ ҷалб карда шаванд.

Унсури асосии баланд бардоштани иштироки ҷамъият дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори Шабакаҳои барқии ноҳияи Б.Гафуров - ин таъсис додани Шӯро мебошад.

Мавҷудияти Шӯро метавонад, кори фаъолиятнок, ҷалби воқеи ва бо ваколтаҳои воқеии муайян доро будан, инчуни сатҳи баланди иштироки шаҳрвандонро дар қабулгардии қарорҳо таъмин намояд.

Бинобар гуфтаҳои боло ва дар асоси супориши хаттии Раиси ШСХК «Барки Точик» тахти №86 аз 01 октябри соли 2014

**Карор мекунам:**

1. Дар назди Шабакаҳои барқии ноҳияи Б.Гафуров Шӯрохои машваратии ҷамъиятии «Минтакаи 1» ва «Минтакаи 2» таъсис дода шавад.
2. Низомномахои Шӯрохои машваратии ҷамъиятӣ тасдиқ карда шавад.(Замимаи №1 ва 2.)
3. Хайати аъзоёни Шурохои машваратии чамъияти «Минтакаи 1» ва «Минтакаи 2» тибки руйхати ба карор замимашуда, тасдик карда шавад. (Замимаи №3,4.)
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи самухандисони техникаи бехатари Шабакаҳои барқии ноҳияи Б.Гафуров дар Минтакаи 1 Олимов Олимчон ва дар Минтакаи 2 ба зиммаи Абдукодиров Абдумалик вогузошта шавад.

**Роҳбари Шабакаҳои барқии ноҳияи Б.Гафуров: Юнусов И.**

**Замимаи № 1**

Бо Карори роҳбари Шабакаҳои барқии ноҳияи Б.Гафуров тахти №1 аз санаи 20.01.2015 сол тасдик шудааст.

# НИЗОМНОМАИ

Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ назди Шабакаҳои барқии ноҳияи Б.Гафуров оид ба ҷалб намудани муштариён, намояндагони ҷамъиятӣ, маҳаллӣ ба иштирок дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори Шабакаҳои барқии ноҳияи Б.Гафуров оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштариёни тарафҳои манфиатдор ва ҷамъияти маҳаллӣ –«Минтакаи 1»

## 1. Мукаррароти умуми

1.1 Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ оид ба ҷалб намудани муштариён, намояндагони ҷамъиятӣ, маҳаллӣ ба иштирок дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори ташкилоти Шабакаҳои барқии ноҳияи Б.Гафуров оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштариёни тарафҳои манфиатдор ва ҷамъияти маҳаллӣ (минбаъд Шӯро) бо карори роҳбари Шабакаҳои барқии ноҳияи Б.Гафуров тахти №1 аз 20.01.2015 таъсис дода шудааст.
1.2 Шӯро макомоти машварати ва ҷамъияти буда, фаъолияти худро дар асоси талаботи санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон ва Низомномаи мазкур ба рох мемонад.
1.3 Хайати Шӯро аз хисоби намояндагони ҷамъиятҳои маҳалли (шаҳрак, ҷамоатҳо, маҳаллаҳо), дар асоси қарори роҳбари Шабакаҳои барқии ноҳияи Б.Гафуров таъсис дода шуда, Шӯро хукук дорад, дар холатҳои зарури намояндагони дигар мақомоту сохторхои давлативу ғайридавлатиро ба кори худ ҷалб намояд.
1.4. Шумораи аъзоёни Шурои чамъияти бояд ток бошад.

## 2. Максад ва вазифахо

2.1 Мақсади асосии фаъолияти Шӯро ин ҷалб намудани муштариён, намояндагони ҷамъиятӣ, маҳаллӣ ба иштирок дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори Шабакаҳои барқии ноҳияи Б.Гафуров оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштариёни тарафҳои манфиатдор ва ҷамъияти маҳаллӣ мебошад.

2.2. Вазифаҳои фаъолияти сохторҳои машварати ҷамъияти:

-ёрманди ва ташкили системаи санадҳои меъёрии дохили, қоидаҳо, сиёсат ва тартибот дар соҳаи барқтаъминкуни;

-ташакулли механизми муассири намояндагии манфиатҳои муштариён ва ҷамъияти маҳалли дар мақомотҳои идоракунии таъминкунанда;

-ташаккули системаи ошкоркуни ва тадбиқи ташаббусҳои ҷамъияти маҳалли оид ба ҳалли муамоҳои барқтаъминкуни:

-таъмини ҳамкории муассири намояндагони ҷамъияти маҳалли, ташкилоҳои ҷамъияти ва баркҭаъминкуни ва дигар масъалаҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо дахл доранд;

-таъмини шароит оид ба ошкор кардани намояндагони фаъоли иҷтимоии тарафҳои  манфиатдор, пешсафони потенсиали ё пешсафони ташаккулёфта ва таъмини минбаъдаи устуворгарди ва пешравии онҳо.

## 3. Хукук ва ваколатхо

3.1 Шӯро дар амалисозии фаъолияти худ хукук дорад:

-манфиатҳои истеъмолкунандагон ва ҷомеаи маҳаллиро дар мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлати, мақомотҳои худидоракунии маҳалли, ҳангоми қабул намудани қарорҳои таъминкунандагон намояндаги намояд;

-дар фаъолияти қонунэҷоткуни дар сатҳи қабули қарорҳо аз тарафи таъмикунанда, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати, хусусан дар соҳаи барқтаъминкуни иштирок намояд;

-дар назорат кардан аз болои амалигардии санадҳои меъёрии хуқуқи дар соҳаи таъмини қувваи барқ ва дигар масъалаҳое, ки ба ҳукуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони қувваи барқ тааллуқ доранд иштирок намояд;

-барои гузаронидани чорабиниҳои муҳими иҷтимои аксияҳо ва ғайра ёрманди намояд;

-хангоми гузаронидани ҷаласа мавзӯи масъаларо барои маърӯза ба Шӯро пешниҳод намояд;

-маљлисхои  сайёрии худро дар ҷамоатњо доир намояд ва бобати бехтару муассиртар ба рох мондани фаъолият дар самти баланд бардоштани  сатҳи маърифатнокии истеъмолкунандагони қувваи барқ дастурхо дихад;

- оид ба ичрои супоришу вазифахои гузошташуда дар самти баланд бардоштани иштироки муштариён, тарафҳои манфиатдор ва ҷомеаи маҳалли дар фаъолияти ҳаёти ва кори Шабакаҳои барқии ноҳияи Б.Гафуров аз ташкилоти таъминкунандаи қувваи барқ ва дигар макомоту ташкилотхои марбута хисоботхо ва дигар маълумотхоро талаб намояд;

## 4. Тартиби кор

4.1 Мачлиси Шӯро на камтар аз як маротиба дар се мох дар фасли бахору тобистон ва дар фасли тирамоху зимистон на камтар аз як маротиба дар як мох доир мегардад.

4.2  Шӯро котиби масъули худро интихоб менамояд, ки он:

а) кори аъзоёнро дар давраи байни мачлисхо таъмин мекунад;

б) Масъалахоро бо чаласа тайёр менамояд ва рафти ичрои онро назорат мекунад.

4.3 Мачлисхо дар холати иштироки  аз се ду хиссаи аъзоёни он комилхукук  хисобида мешавад.

4.4 Карорхои мачлис бо аксарияти овози аъзоёни њузурдошта кабул карда мешавад.

4.5 Санадхои   Шӯро дар шакли карорхои протоколи кабул мешаванд.

4.6 Ба санадхои кабулгардида Раис имзо гузошта, чараёни татбики онхоро котиби Шӯро назорат менамояд.

4.7 Тагиру иловахо ба Низомномаи Шӯро тарики овоздихии аксарияти аъзоёни Шуро карда ворид мешавад.

**Замимаи № 2**

Бо Карори роҳбари Шабакаҳои барқии ноҳияи Мастчох тахти №1 аз санаи 20.01.2015 сол
тасдик шудааст.

# НИЗОМНОМАИ

Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ назди Шабакаҳои барқии ноҳияи Мастчох оид ба ҷалб намудани муштариён, намояндагони ҷамъиятӣ, маҳаллӣ ба иштирок дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори Шабакаҳои барқии ноҳияи Мастчох оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштариёни тарафҳои манфиатдор ва ҷамъияти маҳаллӣ –«Минтакаи 2»

## 1. Мукаррароти умуми

1.1 Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ оид ба ҷалб намудани муштариён, намояндагони ҷамъиятӣ, маҳаллӣ ба иштирок дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори ташкилоти Шабакаҳои барқии ноҳияи Мастчох оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштариёни тарафҳои манфиатдор ва ҷамъияти маҳаллӣ (минбаъд Шӯро) бо карори роҳбари Шабакаҳои барқии ноҳияи Мастчох тахти №1 аз 20.01.2015 таъсис дода шудааст.
1.2 Шӯро макомоти машварати ва ҷамъияти буда, фаъолияти худро дар асоси талаботи санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон ва Низомномаи мазкур ба рох мемонад.
1.3 Хайати Шӯро аз хисоби намояндагони ҷамъиятҳои маҳалли (шаҳрак, ҷамоатҳо, маҳаллаҳо), дар асоси қарори роҳбари Шабакаҳои барқии ноҳияи Мастчох таъсис дода шуда, Шӯро хукук дорад, дар холатҳои зарури намояндагони дигар мақомоту сохторхои давлативу ғайридавлатиро ба кори худ ҷалб намояд.
1.4. Шумораи аъзоёни Шурои чамъияти бояд ток бошад.

## 2. Максад ва вазифахо

2.1 Мақсади асосии фаъолияти Шӯро ин ҷалб намудани муштариён, намояндагони ҷамъиятӣ, маҳаллӣ ба иштирок дар фаъолияти ҳаётӣ ва кори Шабакаҳои барқии ноҳияи Мастчох оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштариёни тарафҳои манфиатдор ва ҷамъияти маҳаллӣ мебошад.

2.2. Вазифаҳои фаъолияти сохторҳои машварати ҷамъияти:

-ёрманди ва ташкили системаи санадҳои меъёрии дохили, қоидаҳо, сиёсат ва тартибот дар соҳаи баркҭаъминкуни;

-ташакулли механизми муассири намояндагии манфиатҳои муштариён ва ҷамъияти маҳалли дар мақомотҳои идоракунии таъминкунанда;

-ташаккули системаи ошкоркуни ва тадбиқи ташаббусҳои ҷамъияти маҳалли оид ба ҳалли муамоҳои барқтаъминкуни:

-таъмини ҳамкории муассири намояндагони ҷамъияти маҳалли, ташкилоҳои ҷамъияти ва баркҭаъминкуни ва дигар масъалаҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо дахл доранд;

-таъмини шароит оид ба ошкор кардани намояндагони фаъоли иҷтимоии тарафҳои манфиатдор, пешсафони потенсиали ё пешсафони ташаккулёфта ва таъмини минбаъдаи устуворгарди ва пешравии онҳо.

## 3. Хукук ва ваколатхо

3.1 Шӯро дар амалисозии фаъолияти худ хукук дорад:

-манфиатҳои истеъмолкунандагон ва ҷомеаи маҳаллиро дар мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлати, мақомотҳои худидоракунии маҳалли, ҳангоми қабул намудани қарорҳои таъминкунандагон намояндаги намояд;

-дар фаъолияти қонунэҷоткуни дар сатҳи қабули қарорҳо аз тарафи таъмикунанда, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати, хусусан дар соҳаи баркҭаъминкуни иштирок намояд;

-дар назорат кардан аз болои амалигардии санадҳои меъёрии хуқуқи дар соҳаи таъмини қувваи барқ ва дигар масъалаҳое, ки ба ҳукуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони қувваи барқ тааллуқ доранд иштирок намояд;

-барои гузаронидани чорабиниҳои муҳими иҷтимои аксияҳо ва ғайра ёрманди намояд;

-хангоми гузаронидани ҷаласа мавзӯи масъаларо барои маърӯза ба Шӯро пешниҳод намояд;

-маълисхои сайёрии худро дар ҷамоатњо доир намояд ва бобати бехтару муассиртар ба рох мондани фаъолият дар самти баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии истеъмолкунандагони қувваи барқ дастурхо дихад;

- оид ба ичрои супоришу вазифахои гузошташуда дар самти баланд бардоштани иштироки муштариён, тарафҳои манфиатдор ва ҷомеаи маҳалли дар фаъолияти ҳаёти ва кори Шабакаҳои барқии ноҳияи Мастчох аз ташкилоти таъминкунандаи қувваи барқ ва дигар макомоту ташкилотхои марбута хисоботхо ва дигар маълумотхоро талаб намояд;

## 4. Тартиби кор

4.1 Мачлиси Шӯро на камтар аз як маротиба дар се мох дар фасли бахору тобистон ва дар фасли тирамоху зимистон на камтар аз як маротиба дар як мох доир мегардад.

4.2 Шӯро котиби масъули худро интихоб менамояд, ки он:

а) кори аъзоёнро дар давраи байни мачлисхо таъмин мекунад;

б) Масъалахоро бо чаласа тайёр менамояд ва рафти ичрои онро назорат мекунад.

4.3 Мачлисхо дар холати иштироки аз се ду хиссаи аъзоёни он комилхукук хисобида мешавад.

4.4 Карорхои мачлис бо аксарияти овози аъзоёни њузурдошта кабул карда мешавад.

4.5 Санадхои Шӯро дар шакли карорхои протоколи кабул мешаванд.

4.6 Ба санадхои кабулгардида Раис имзо гузошта, чараёни татбики онхоро котиби Шӯро назорат менамояд.

4.7 Тагиру иловахо ба Низомномаи Шӯро тарики овоздихии аксарияти аъзоёни Шуро карда ворид мешавад.